# ТАҚРИЗ

ба автореферат рисолаи номзадии Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯъи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз мӯҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Шароити кунонӣ тақозо менамояд, ки дар истеҳсолот системаи нави илман асоснокшудаи парвариши зироатҳо батаври васеъ татбиқ карда шаванд. Барои заминҳои обии ҷумҳурӣ, ки самтҳои асосиашон истеҳсоли пахта, ғалла, сабзавоту картошка ва хӯроки чорво мебошад, ба мақсади руёнидани ҳосили фаровонии онҳо бароҳ мондани киштгардонӣ кӯҳтодавр нақши муҳимро мебозад.

Парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ, баъд аз ҷамъоварии зироати ҷав аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидавар буда, донаш барои истеҳсоли равғани истеъмолӣ ва хӯрока, тайёр кардани маводҳои қаннодӣ ва баргу пояаш ҳамчун хӯроки серғизои чорво истифода бурда мешавад.

Бори аввал дар шароити заминҳои обии Тоҷикистони Марказӣ аз ҷонибӣ Бегназаров Д.Б. технологияи парвариши чормағзи заминӣ, аз ҷумла мӯҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар кишти ангорӣ таҳқиқ карда шудааст, ки гирифтани 2 ҳосили донро дар 1 мавсим таъмин менамояд.

Аз хулосаи диссертатсияи Бегназаров Д.Б. бармеояд, ки аз мӯҳлати кишти чормағзи заминӣ дар даҳрӯзаи якуми моҳи июн (1.06) бо зичии 116 ҳазор растанӣ дар 1 га бо ҳосилнокии 32,9 с/га ғилофакҳо 10025 сомонӣ фоидаи соф ва 210% манфиатноки ба даст оварда шудааст. Бо ҳосилнокии 24,1 с/га дон 13520 сомонӣ фоидаи соф ва 197% манфиатноки гирифта шудааст.

Пешниҳод карда мешавад, ки рисолаи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич таҳти мавзӯи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз мӯҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” тибқи аҳамиятнокӣ, муҳиммият, навгонӣ, эътимоднокӣ, аҳамиятнокии амалӣ ва асоснокии илмии бандҳои кор ба талаботи «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) ва Тартиби бақайдгирии

давлатии рисолаҳои илмии ҳимояшуда» таҳти № 505 аз 26 ноябри соли 2016 пурра мувофиқ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 –зироаткории умуми, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Ходими калони илмии Шӯъбаи зироатҳои кишоварзии
Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ,
номзади илмҳои кишоварзӣ,
ихтисоси 06.01.05- селексия ва тухмипарварӣ,
«Корманди шоистаи Тоҷикистон» З. Муминшоева

Ходими калони илмии Шӯъбаи зироатҳои кишоварзии
Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ,
номзади илмҳои кишоварзӣ,
ихтисоси 06.01.05- селексия ва тухмипарварӣ М. Пулодов

Суроға: 735104, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Рӯдакӣ,ҷамоати Сарикишти,
деҳаи Маҳмадшоҳи боло, ММЗГ АИКТ.
Тел. моб: 919390653, 938271834
E-mail: gen_resurs@mail.ru

Имзои шахсии Муминшоева З. ва Пулодов М-ро
тасдиқ мекунад. Шӯъбаи кадрҳои ММЗГ-и АИКТ Миҷгонаи Муҳиддин

01.02.2021 сол